«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____________ Насриддинзода Э.С.
«_02_» ____04____________ с.2024

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рисолаи илмӣ дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» дар кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои рисолаи илмӣ Эсанов Мухаммадшариф Давлатович унвонҷӯи кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Эсанов Мухаммадшариф Давлатович соли 2014 ихтисоси иқтисодиёти меҳнати факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 25.08.2020 бо баҳои 4 «хуб», аз фанни забони хориҷӣ дар таърихи 21.12.2019 бо баҳои 4 «хуб» ва имтиҳон аз тахассусро дар таърихи 13.03.2024 бо баҳои 5 «аъло» супоридааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ Ғаниев Таваралӣ Бобоевич маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 28 марти соли 2024 бо суратҷаласаи №8 муҳокима гардид. Дар ҷаласа ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин баромад карданд:

1) Ёров Ҷ.Н.-н.и.и., дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ;
2) Каримов М.И. - н.и.и., м/к-и кафедраи менеҷмент ва маркетинг;
3) Саъдуллозода Н.С. - PhD., м/к-и кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ.

Тақризҳои муқарризон дар ҳуҷҷатгузории кафедра махфуз ҳастанд. Ҳамчунин, ба ҳайси муқарризони ғайрирасмӣ дар ҷаласа Искандаров Ҳ.Ҳ., н.и.и., дотсент, Содиқов Қ.А., н.и.и., дотсент ва Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор баромад карданд.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Баҳодиҳии иҷрои рисола.** Рисолаи илмии Эсанов Мухаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» яке аз муаммоҳои муосири илми иқтисоди ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, ҳамзамон бо забони илмии тоҷикӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Аз тақризу муҳокимаҳо бармеояд, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия бо самтҳои афзалитноки илм.** Таҳқиқоти илмии номбурда бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 анҷом дода шуда, ба Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва бо дигар барномаҳои рушди соҳавию байнисоҳавӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда робитаи мустақим дорад.

3. **Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар рисолаи илмӣ пешниҳод кардааст.** Рисолаи илмӣ натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию услубӣ, ки нақши худро дар илми иқтисоди кишвар мегузоранд, ба муаллифи рисола дахл доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

4. **Дараҷаи илмии таҳқиқот.** Асосҳои назариявию усулии таҳқиқотро таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классикии илми иқтисодиёт, аз ҷумла таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили ҳодисаҳои иқтисодӣ **усулҳои тахқиқоти** мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, таҳлилу синтез, иқтисодию оморӣ истифода шуданд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгониҳои таҳқиқоти мазкур аз коркард ва асоснокунии ҷанбаҳои назариявии механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили он дар ин соҳаи муҳими ҷамъиятӣ иборат мебошад. Нуқтаҳои муҳими навгониҳои таҳқиқоти илмӣ, ки диссертант бевосита, ба онҳо мувazzаф шуда ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, иборатанд аз:

- оид ба такмилдиҳии механизми муосиртарини истифодабарии ҳавасмандкунии иқтидори меҳнатӣ дар асоси омӯзишу таҳлили равишҳои назариявӣ-консептуалии гузаронидашудаи илмӣ, моҳият ва аҳамияти иқтисодии он мувофиқ ба дарк ва фаҳмиши муаллиф шарҳ дода шудаанд. Ба ақидаи муаллиф муосиртарин механизмҳои ҳавасмандгардонии кормандон ин ҳақи меҳнати қаноатмандкунанда, мукофотҳои накдию ғайринакдӣ ва шароитҳои мусоиди корӣ, дониста мешаванд;

- ҳангоми гузаронидани омӯзишҳои зиёди илмӣ нақш ва аҳамиятнокии идоракунии иқтидори меҳнатӣ нисбат ба дигар иқтидорҳо муайян карда шуда, унсурҳо, марҳилаҳо ва шароити рушди иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ аз истифодабарии механизми ҳавасмандгардонӣ нишон дода шуда, муайян гашт, ки рушд ва инкишофёбии соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ ва зерсохторҳои он ба идоракунии самараноки иқтидори меҳнатӣ ниёз доранд;

- вазъи ҳозираи хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ дар миқёси ҷумҳурӣ таҳлил гардида, ташаккул додани равиши консептуалӣ дар асоси ташаккули механизми хавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ бо истифода аз таҷрибаи инноватсионии хориҷа ҳамчун яке аз роҳҳои асосии ноил гаштан ба мақсад дониста шуд;

- механизми инноватсионии муосир таҳия гардида, пешниҳод карда мешавад, ки таҳияи дастурҳо оид ба ташаккули системаи ҳавасмандгардонии идоракунии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ бо истифода аз механизми инноватсионӣ дуруст ба роҳ монда шуда, барои боз ҳам беҳбуд бахшидан ба сармоягузории ин бахши муҳими иқтисодӣ таваҷҷуҳи бештар намоем;

- такмилдиҳии механизми ҳавасмандгардонӣ ҳамчун рушди унсури истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ дониста шуда, пешниҳод гардидааст, ки ба инобат гирифтани пешниҳодҳои илман асоснокгардидаи муаллиф метавонад ба рушду инкишофёбии соҳаи мазкур мусоидат намояд.

**Алоқамандии мазмуни рисолаи илмӣ бо ихтисоси интихобшуда.** Рисолаи илмии Эсанов М.Д. дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст. Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат мекунад:

10.19-Ҳайати идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии карйера ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Усулҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ; 10.20-Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти касбӣ: мақсад, принсипҳо, таҳаввулоти нигаришҳо. Моҳияти вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхона ва ширкатҳо. Салоҳиятнокии ҳайат ва салоҳиятнокии ширкат. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайат. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайат.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия карда шудааст. Таҳияҳои илмии диссертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии «Идоракунии ҳайати кормандон», «Иқтисодиёти меҳнат», «Идоракунии захираҳои инсонӣ» ва «Менеҷмент ва маркетинг» истифода бурда шуданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои муҳимми рисолаи диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза пешниҳод карда шудаанд. Бештари мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2017-2023, дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва дар дигар институтҳои илмӣ-таҳқиқоти рӯйи чоп омадаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар 16 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхатти адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 182 саҳифаи компютерӣ чоп карда шуда, фарогири 17 ҷадвал, 15 расм ва 5 диаграмма мебошад.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М]. Эсанов М.Д., Рузматзода Ғ. Мафҳум, рушд ва муаммоҳои соҳибкории хурду миёна дар иқтисоди бозоргонӣ//Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - №2. (37). – Душанбе, 2019. -С.137-144.

[2-М]. Эсанов М.Д. Нақши иқтидори меҳнатии кормандон дар рушд ва инкишофдиҳии ширкатҳои сайёҳӣ// Гузоришҳои АИ ҶТ шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. -№4 (008). – Душанбе, 2019. С.147-151.

[3-М]. Ғаниев Т.Б., Искандаров Ҳ.Ҳ., Эсанов М.Д. Ҳавасмандгардонии кормандон ва таъсири он ба системаҳои идоракунандаи захираҳои меҳнатӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. - № 10-1. -С.105-111.

[4-М]. Эсанов М.Д. Механизмҳои бунёдии системаи идоракунии иқтидори меҳнатии кормандон дар асоси воситаҳои ҳавасмандсозӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. - №5. -С.97-107.

[5-М]. Эсанов М.Д. Омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ ва истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти ширкатҳои сайёҳӣ// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. - №1(51). - С.400-408.

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашриёҳо ба табъ расидааст:**

[6-М]. Эсанов М.Д. Талаботҳои ташкилии идоракунии равонии касбӣ дар менеҷменти муосир // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Идоракунии рушди захираҳои инсонӣ дар шароити муосир: консепсияҳо тамоюлҳо ва таҳдидҳо”. - Душанбе , 2017. - С. 336-347.

[7-М]. Эсанов М.Д. Низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти он дар рушди фаъолияти бонкӣ// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ, бахшида ба соли ҷавонон, дар мавзӯи “Таъсири буҳрони молиявӣ дар нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (12 декабри соли 2017). – Душанбе, 2017. – С.147-152.

[8-М]. Эсанов М.Д. Рушди туризми байналмилалӣ ва нақши он дар Тоҷикистон // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, дар мавзӯи: «Равишҳои стратегии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (ш.Душанбе, 5 апрели соли 2019). – Душанбе, 2019. –С.246-250.

[9-М]. Эсанов М.Д. Сармоягузориҳо ва аҳамияти он дар рушди иқтисоди миллӣ // Маводи конференсияи ҷумҳурияви илмӣ-назариявӣ “Мероси ниёгон эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (27 апрели соли 2019). – Душанбе, - С. 251-255.

[10-М]. Эсанов М.Д. Ҳавасмандгардонии захираҳои инсонӣ яке аз роҳҳои навини идоранамоӣ дар шароити муосир // Маводи конференсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи “Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ” (Душанбе, 13-уми октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. - С.577-582.
[11-М]. Эсанов М.Д. Захираҳои инсонӣ ва роҳҳои навини идоранамоии он дар шароити муосир // Маҷмӯаи маводи онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босурати кишвар” (13.11.2020, шаҳри Кӯлоб). – Кулоб, 2020. – С.129-134
[12-М]. Эсанов М.Д. Ҳавасмандгардонии кормандон ва аҳамияти он дар менеҷменти муосир // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ таҳти унвони “Таърих, анъана ва дурнамои рушди ҳунарҳои мардумӣ” (ш.Душанбе 28.11.2020). – Душанбе, 2020. – С.223-224
[13-М]. Эсанов М.Д. Рушди соҳаи туризм дар шароити ҷаҳонишавӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Таълимоти бефосилаи касбӣ-электронӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (Душанбе, 22.10.2021) – Душанбе, 2021. - С.217-222.
[14-А]. Эсанов М.Д. Менеҷменти идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити муосир // Мусаввир. - №1. - 2021. - С.79-80
[15-А]. Эсанов М.Д. Баҳогузории таҷрибаҳои хориҷӣ ва истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти ширкатҳои сайёҳӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Стратегияи тамадунии пешвоӣ дар асри XXI” (Душанбе, 20-уми феврали соли 2024). – Душанбе, 2024. - С.353-363.
[16-А]. Эсанов М.Д. Стратегияи идоркунии ноотехникиву ноотехнологии иттилоотӣ дар тамаддунсозии менеҷменти асри XXI // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Стратегияи тамадунии пешвоӣ дар асри XXI” (Душанбе, 20-уми феврали соли 2024). – Душанбе, 2024. - С.363-371.

## ҚАРОРИ ҶАЛАСАИ КУШОДИ КАФЕДРАҲОИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ИНСОНӢ , МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГ, ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

1. Рисолаи илмии Эсанов Мухаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод гардидааст,

ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Эсанов Мухаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои баррасӣ тавсия карда шавад.

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ вогузор карда шавад.

Дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (с/м № 8, аз 28.03.24) иштирок намуданд: – 32 нафар. Ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд: 19 нафар. Барои пешниҳод ба Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 –Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) овоз доданд: тарафдор – 19 нафар; зид – нест; бетараф – нест.

**Раисикунанда:**

д.и.и., профессор, декани факултети
иқтисод ва идораи ДМТ Раҳимзода Ҳ.Р.

**Котиб:**

н.и.и., м/к - и кафедраи
идоракунии захираҳои инсонии ДМТ Давлатов С.Н.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«02» 04 2024

**Суроғаи Донишгоҳ:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734020, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.
Саҳифаи интернетӣ: www.tnu.tj. Телефон: (+992-37) 221-77-11. Факс (+992-37) 221-48-84.
E-mail: tgnu@mail.tj. tnu.int.re@gmail.com.